11 03 2019



**5 март Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо раиси шахри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар нохияхои пойтахт бо рафти ичрои дастуру супоришхои Хукумати Чумхурии Точикистон, татбики амалии нишондодхои Паёми Президенти Чумхурии Точикистон, аз чумла бо корхои сохтмонӣ дар иншооти таъйиноти гуногуни пойтахт, тадбирхои бунёдкорию созандагӣ, кабудизоркунӣ, нихолшинонӣ, хифзи мухити зист ва омодагӣ ба тачлили Чашни байналмилалии Наврӯз шинос шуданд.**

Тавре мушохида мегардад, аз рӯзхои аввали сохибистиклолӣ Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба рушду пешрафти пойтахти Точикистони сохибистиклол - шахри Душанбе хамчун маркази маъмурӣ, сиёсӣ ва фархангии сарзамини ачдодӣ тавaччух зохир менамоянд. Натичаи хамин аст, ки солхои охир макомоти ичроияи хокимияти давлатии шахри Душанбе ба тахияи накшаву чорабинихо, масъалаи ободонӣ ва таъмини шароити созгори зиндагӣ барои сокинони пойтахт ахамияти хосса медиханд.
Аз рафти тадбирхои созандагӣ дар нохияхои пойтахт барьало мушохида мегардад, ки тавассути корхои ободонӣ, тахияи тарххои муосир чихати сохтмони иншооти гуногун, аз кабили мактабу бунгоххои тиббӣ, марказхои хизматрасонии маишию маданӣ, богхои фархангию фарогатӣ ва чарогону гулзор кардани кӯчаву хиёбонхо имрӯзхо шахри

Душанбе ба як макони дилфиреб, шахри сулху вахдат, хонаи умеди точикону точикистониён мубаддал гардидааст. Богхои фархангию фарогатии бо тархи зебо сохташуда таваччухи сайёхони хоричиро ба худ чалб кардаанд.  Солхои охир бо ташаббуси бевоситаи Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба Точикистон навъхои гуногуну нодири дарахтони бисёрсолаи ороишию сояафкан ворид карда, дар шохроххо, кӯчаву хиёбонхо ва марказхои фархангию фарогатии пойтахт шинонда мешаванд. Гулу буттахо ва дарахтони ороишии воридшуда ба махалхо хусни тоза мебахшанд ва хам барои саломатии инсон фоидаоваранд.
Дар огози фасли зебои бахор ба хотири истикболи сазовори Наврӯзи байналмилалӣ ва вусъати корхои ободонӣ Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва раиси шахри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар маъракаи нихолшинонии назди масчиди маркazии чомеи шахри Душанбе иштирок карданд.
Нахуст Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо рафти корхои сохтмонӣ дар масчиди марказии чомеи шахри Душанбе ва иншооти нави Донишкадаи исломии Точикистон ба номи Имоми Аъзам - Абуханифа Нуъмон ибни Собит шинос шуда, дар худуди масчид якчанд дарахти заранг шинонданд.
Бо супориши Президенти мамлакат дар асоси накшаи сохтмони масчиди чомеъ дар ин чо дарахтони магнолия, магнолияи баргпарто, каталпа, заранг, коч, олуи ороишӣ ва тӯс шинонда шудаанд.
Зимни хар як боздид аз ин масчид Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон барои анчоми корхои ободонию кабудизоркунии майдони назди он масъулони корхои сохтмониро вазифадор мекунанд.
Сахни хавлӣ, рохраву дигар мавзеъхои атрофи иншоот бо тархи хеле зебо оро дода мешаванд. Барои ин бо дастуру хидояти Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон накшаву тархxои муосир тахия гардидаанд. Атрофи бино чарогон карда шуда, фавворахо ва гулу буттахои ороишӣ ба мухити ин чо бояд хусни тоза бахшанд.
Баъди шинондани нихолхо Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон барои вусъати бештари корхои ободонии худуди масчиди чомеъ ва даромадгоххои иншоот ба мутахассисон дастуру хидоятхои мушаххас доданд.
Ёдовар мешавем, ки рӯзи 24 феврал Сарвари давлат бо иштирок дар маъракаи бунёди боги нави интенсивӣ ва нихолшинонӣ дар нохияи Дангараи вилояти Хатлон ба мавсими корхои бахорӣ огоз бахшиданд. Акнун шахрвандони мамлакат бояд бо истифода аз хар рӯзи мусоид бахри истикболи Наврӯз корхои ободонӣ, созандагӣ ва нихолшинониро вусъат бахшанд.
Баъди шинондани нихол дар сахни хавлии масчиди марказии чомеи шахри Душанбе Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар боги “Наврӯзгох” - и пойтахт бо нашъунамои дарахтон ва корхои ободонии ин мавзеъ шинос шуданд.
Боги “Наврӯзгох” дар масохати 146 хазор метри мураббаъ доман пахн кардааст. Дарахтони зебою нодири бохашамати ороишию сояафкан ва гулу гулбуттахое, ки аз гӯшахои гуногуни дохил ва хоричи кишвар ба ин чо оварда шинонда шудаанд, аз ороишоти асосии ин бог ба шумор мераванд. Дар бог дарахтони сарв, калина, туя, ёс, чалгӯза, пихта, каталпа, можевелник, татум, магнолияи хамешасабз, чинор, тӯси махаллӣ, шохбулут, заранги сурх, зирк, лигуструм, сарв, мачнунбед ва гули садбарг шинонда шудаанд.
Боги пур аз дарахтони зебо дар шафати “Наврӯзгох”, ки макони асосии баргузории тантанахои идонаи “Наврӯз”, “Вахдат”, “Истиклолият” ва дигар идхои бузурги миллӣ аст,

чойгир мебошад. Аз ин рӯ, Сарвари давлат ба коргарони бог супориш доданд, ки ба масъалаи тозагии атроф, нигохубини дарахтон ва корхои ободонӣ диккати махсус диханд.